***ТКБ 371***
***DOI:10.51844-2077-4990-2022-4-251-257***

***ТАЪЛИМИ АСОСҲОИ ТАРРОҲӢ ЗИМНИ ОМӮЗИШИ ФАННИ САНЪАТИ ТАСВИРӢ***

***Азизов Шерзод Юсуфович**, н.и.п., дотсент; **Бобоева Шоиста Ҳакимовна**, доктори фалсафа(PhD) аз рӯи илмҳои педагогика, сармуаллими калони кафедраи нақшакашӣ, геометрияи тасвирӣ ва методикаи таълими МДТ "ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***ОБУЧЕНИЕ ОСНОВАМ ДИЗАЙНА В РАМКАХ ПРЕДМЕТА ИЗОБРАЗИТЕЛЬНОГО ИСКУССТВА***

***Азизов Шерзод Юсуфович,** к.п.н., дотцент; **Бобоева Шоиста Хакимовна,** доктор философии (PhD),по педагогическим наукам старшая преподавательница кафедры черчения, начертательной геометрии и методики преподавания ГОУ «ХГУ имени акад.Б. Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

***AS PART OF THE FINE ARTS, TEACHING THE BASICS OF DESIGN***

***Azizov Sherzod Yusufovich,** candidate of pedagogical science, Associate Professor; **E-mail:** azizovsher@bk.ru; **Boboeva Shoista Hakimovna,** Dr. of Philosophy (PhD), senior lecturer of the department of drawing, descriptive geometry and teaching methods under the SEI "KhSU named after acad. B. Gafurov" (Tajikistan, Khujand),**E-mail:** boboevash2017@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:** таълим, санъати тасвирӣ, асосҳои тарроҳӣ, хонандагон, дарс, маҳфил, барномаи таълимӣ*

*Таълими санъати тасвирӣ хонандагонро ба дарки зебоии табиат ва санъат водор намуда, муносибати знбошиносӣ онҳоро нисбат ба ашё, ҳодисаҳои воқеии муҳит бедор менамояд. Дар мақола масъалаҳои таълими асосҳои тарроҳӣ зимни омӯзиши фанни санъати тасвирӣ ва ташкили маҳфили омӯзиши асосҳои тарроҳӣ баррасӣ шудааст. Муаллифон қайд мекунанд, ки касби тарроҳӣ дар тӯли даҳсолаҳои охир дар бозори меҳнат ба таври назаррас талабот пайдо кардааст. Хонандагони синфҳои болоӣ раванди таълимро аз рӯи он баҳо медиҳанд, ки омӯзиши фаннҳои таълимӣ барои ояндаи онҳо чӣ медиҳад. Дар натиҷа, робитаи мустаҳкам байни манфиатҳои касбӣ ва таълимӣ муқаррар карда мешавад.Дар мақола маълумот оид ба шароити кунунии таълими фанни санъати тасвирӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, талаботи хонандагон нисбат омӯзиши асосҳои тарроҳӣ, таҳлили барномаҳои таълимии соҳавӣ, афкори олимон дар бораи омӯзиши тарроҳӣ, ташкили маҳфили "Асосҳои дизайн" ва ғайраҳо аз манбаъҳои муътамад пешниҳод ва хулоса шудаанд.*

***Ключевые слова:** образование, изобразительное искусство, основы дизайна, школьники, урок, кружок, учебная программа*

*Художественное образование позволяет учащимся понять язык природы и искусства, воспитывает их эстетическое отношение к предметам, реальным событиям окружающей среды. В статье исследована проблема в рамках предмета изобразительного искусства обучение основам дизайна и организации клуба по изучению основ дизайна. Авторы отмечают, что профессия дизайнера значительно выросла, востребована на рынке труда за последние десятилетия. Старшеклассники оценивают образовательный процесс с точки зрения того, что изучение учебных предметов даст им в будущем. В результате устанавливается прочная связь между профессиональными и учебными интересами. В статье представлена информация о современных условиях обучения изобразительному искусству в общеобразовательных учреждениях, требованиях учащихся к обучению основам дизайна, анализ отраслевых образовательных программ, мнение учёных об изучении дизайна, организация кружка «Основы дизайна» и др., представлен и заключён из достоверных источников.*

***Key words:** education, fine arts, basics of design, schoolchildren, lesson, circle, curriculum*

*Art education allows students to understand the language of nature and art, educates their aesthetic attitude to objects, real events in the environment. The article explores the problem of teaching the basics of design and organizing a club to study the basics of design within the framework of the fine arts. The authors note that the profession of a designer has grown significantly and is in demand in the labor market over the past decades. High school students evaluate the educational process in terms of what the study of academic subjects will give them in the future. As a result, a strong connection is established between*

*professional and academic interests. The article provides information on modern conditions for teaching fine arts in general education institutions, students' requirements for teaching the basics of design, analysis of industry-specific educational programs, the opinion of scientists on the study of design, the organization of the "Fundamentals of Design" circle, etc., presented and concluded from reliable sources.*

Дар ҷаҳони имрӯза вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва инкишофи босуръати муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарогирии ҳар чӣ бештари воситаҳои ахбор (интернет, телевизион ва ғайраҳо) танҳо бо дониши замонавӣ таъмин будани шаҳрвандон кифоя набуда, дар амал истифода бурдани донишу малакаҳо муҳимтарин роҳи иҷтимоишавӣ ва ноил гаштан ба натиҷаҳои дилхоҳ ба шумор меравад.

Доштани дониш оид ба соҳаҳои гуногуни илм барои маълумотнок гаштан кифоя набуда, татбиқи амалии донишҳо, истифодаи технологияҳои муосир ва эҷодкорӣ муҳим аст, ки ба баланд шудани некӯаҳволии мардум ва пешрафти ҷомеа мусоидат менамояд [1, с. 284].

Пешрафти ҳаёти имрӯза, тағйир ёфтани шароити меҳнат дар ҳама соҳаҳои фаъолияти инсон нисбат ба дараҷаи таълиму камолоти хонандагоне, ки қобилияти эҷодкорона фикр карда, роҳҳои ҳалли фавқулодаи муаммоҳои дорои аҳамияти ҷамъиятиро пайдо карда метавонанд, талабҳои баланд мегузорад. Вобаста ба ин, низоми таҳсилоти самти таълими бадеӣ ҳатман мавриди бознигарии мундариҷа, такмил ва навсозӣ қарор дорад. Ислоҳоти маориф зарурати коркарди фанҳо ва усулҳои нави таълими фанҳои силсилаи бадеӣ, дохил намудани иловаҳо ба барномаҳои мавҷуда, ки ба инкишофи эҷодӣ ва ҳаматарафаи хонандагон мусоидаткунадаро дар назар дорад.

Ҳангоми таҳлили барномаҳои таълими санъати тасвирӣ тамоюли ташаккули омӯзишӣ дар кӯдакон ва майл ба санъату ҳунарҳо мушоҳида мешавад. Аммо, асосҳои тарроҳӣ (дизайн) умуман таълим дода намешавад ё ба масъалаҳои омӯзиши асосҳои тарроҳӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намегардад. Омӯзиши асосҳои тарроҳӣ як ҷузъи инкишофи мунтазами шахсияти эҷодкор ва ҳамаҷониба фаъол мебошад. Аз ин рӯ, маорифи муосир тақозо мекунад, ки таҳкими самти шахсият ва амалии таълим, рушди эҷодкорӣ ва инкишофи ҳамаҷонибаи кӯдакон ҳангоми таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, бидуни тарки таълими классикӣ сурат гирад.

Таълими санъати тасвирӣ хонандагонро ба дарк намудани зебоии табиат ва санъат водор намуда, муносибати зебопарастии онҳоро нисбат ба ашё, ҳодисаҳои воқеии муҳит тарбия менамояд. Машғулияти санъати тасвирӣ дараҷаи маълумотнокии хонандагонро баланд бардошта, онҳоро ба меҳнати муфиди ҷамъиятӣ омода менамояд [12, с. 178].

Ҳарчанд пайдоши санъати тасвирӣ пеш аз зуҳури нутқи инсон дониста мешавад, дар таърихи тӯлонии халқи тоҷик ҷойгоҳи санъати тасвирӣ муассир арзёбӣ мегардад. Ниёгони мо дар гузашта бо ҳунарҳои наққошӣ, кандакорӣ, гаҷкорӣ, қолинбофӣ, миниатуранигорӣ ва ғайраҳо машғул буданд, ки асоси ин ҳамаро тасвир ташкил медиҳад.

Рушди санъати тасвирӣ дар Тоҷикистон бо инкишофи санъати тасвирии Собиқ Иттифоқи шӯравӣ вобастагии зиёд дорад. То соли 1991 низоми маорифи 15 давлати иттифоқи мувофиқи муқаррароти умумии мутамарказ идора карда мешуданд [4, с. 40].

Барномаи омӯзиши санъати тасвирӣ барои мактаб соли 1931 таҳия шуда, дар он камбудиҳои зиёд мавҷуд буд. Соли 1933 маркази ягонаи асосии илмӣ “Шӯрои методию бадеӣ” ташкил гардид ва он вазифаи асосиро барои барқарор намудани усули таълими санъати тасвирӣ дар мактабҳои 15 давлати иттифоқи иҷро карда буд.

Аз ҷумлаи расомон-омӯзгорони машҳур, ки ба инкишофи усули омӯзиши санъати тасвирӣ дар мактаб такон додаанд, Дмитрий Николаевич Кардовский (1866-1943) ва К.Ф. Юон (1875-1958) мебошанд [4, с. 41].

Дар Тоҷикистон аввалҳо ба омӯзиши санъати тасвирӣ аҳамияти ҷиддӣ зоҳир карда намешуд. Омӯзгорони соҳибтахассус низ мавҷуд набуданд. Аз ин сабаб, дар Институти давлатии педагогии шаҳри Ленинобод ба номи С.М. Киров (имрӯза Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров) соли 1967 дар назди факултети физика-математика, шуъбаи «Нақша, расм ва меҳнат» таъсис дода шуд. Аввалин хатмкунандагони ин боргоҳи ҳунар соли 1972 15 - нафарро ташкил медоданд. Дар солҳои минбаъда гурӯҳҳои тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекии тайёр намудани омӯзгорони соҳа ба роҳ монда шуда, сафи хатмкунандагон сол то сол зиёд шуда, мактабҳо бо мутахассиони касбӣ таъмин мешуданд.

Дар соли 1970 барномаи омӯзиши санъати тасвирӣ дар мактабҳои миёна таҷдиди назар шуда, дар он мақсад ва вазифаҳои таълими санъати тасвирӣ мундариҷаи онро муайян менамуд.

Ҷиҳати рушди соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз соҳиб шудан ба истиқлолияти давлатӣ корҳои зиёде ба анҷом расонида шуд. Аз ин ҷост, ки "Барномаи давлатии рушди фарҳанг барои солҳои 2008-2015" (аз 3 –юми марти соли 2007, № 85), Барномаи давлатии рушди ҳунарҳои миллӣ барои солҳои 2009 – 2015", "Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои баладихтисоси фарҳанг, санъат ва нашриёт барои солҳои 2007 - 2010", "Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2030" қабул гардида [15], соли 2018 "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" ва "Солҳои 2019-2021 солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" эълон гардид [16].

Соли 2003 Барномаи таълимии фанни санъати тасвирӣ мавриди таҷдиди назар қарор гирифта, ба фарҳанги халқи тоҷик ва анъанаҳои миллӣ мувофиқ гардонида шуд. Китобҳои дарсии санъат ва меҳант барои синфҳои ибтидоии 1 – 4, китоби санъати тасвирӣ барои синфҳои 5-7, раҳнамоҳои таълим барои омӯзгорон аз ҷониби мутахассисони соҳибтаҷриба (М.Иргашева, Б.И. Бойназаров, А.Азизов, Б.Боронов) таҳия карда шуданд [3].

Ҳоло вақти он расидааст, ки барномаи таълимии фанни санъати тасвирӣ аз ҷиҳати мазмун ва мундариҷа боз ҳам таҷдиди назар карда шавад. Зеро дар барномаи таълимии санъати тасвирӣ барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таълими мавзӯъҳои вобаста ба Рӯзи Ваҳдат, Иди Сада, Иди Меҳргон ва асосҳои дизайн мавҷуд нест.

Ба андешаи мо, маҳз таълими асосҳои тарроҳӣ ҷанбаи муҳимест, ки нақши тарбияи шахси фаъол, инкишофёфта ва эҷодкорро ба ӯҳда мегирад, ки тавони пайраҳаи ҳаёт ва қабули қарорҳои ғайристандартиро дошта бошад. Тафаккури тарроҳӣ имкон медиҳад, ки ҷаҳони маънавии хонандагон, инкишофи ҳиссӣ, тасвири расм, инчунин ҳисси завқи зебошинохтӣ инкишоф ёбад. Аммо бояд гуфт, ки тафаккури тарроҳӣ танҳо бо тарбияи завқи зебошиносии хонандагон маҳдуд намешавад.

Асоси муваффақияти фаъолияти педагогӣ омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ, истифодаи усулҳои ғайримаъмулӣ дар дарс, тартиб додани вазифа ва ҳалли масъалаи дарс мебошад. Яке аз вазифаҳои дарс инкишофи ҳаматарафаи шахсияти хонандагон, аз худ намудани маводи барномаи кӯдакон, ба даст овардани натиҷаҳои беҳтарини онҳо мебошад. Муносибати инфиродиро нисбат ба ҳар як талаба ба кор бурдан, муносибати эҳсоси ба фаъолияти муаллимро бодиққат назорат кардан, амалҳоро дар асоси хусусиятҳои фардии кӯдакон таҳлил кардан муҳим аст. Натиҷаи бомуваффақияти муаллим тавассути дарки фанни ӯ дар робита бо дигар фанҳо ва равандҳои ҷорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мусоидат мекунад. Фанҳои гуногуни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ низ ба ноил шудан ба ин ҳадафҳо саҳм мегузоранд, аммо дизайн як пайванди муттаҳидкунандаест, ки тамоми донишҳоро ҷамъбаст мекунад.

Хатмкардаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар арафаи ба ҳаёти мустақил қадам задан аст. Дар назди ӯ худмуайянкунӣ, интихоби роҳи ҳаёт зарур аст. Муайян кардани касб ба маркази равонии инкишофи хонандагон табдил ёфта, дар онҳо як навъ мавқеи дохилиро ба вуҷуд меорад. Мавқеи нави ҷамъиятии хонандаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои ӯ аҳамияти таълим, вазифаҳо, мақсадҳо, мазмуни онро тағйир медиҳад. Хонандагони синфҳои болоӣ раванди таълимро аз рӯи он баҳо медиҳанд, ки он бароиояндаи онҳо чӣ медиҳад, робитаи мустаҳкам байни манфиатҳои касбӣ ва таълимӣ муқаррар карда мешавад. Касби тарроҳ дар тӯли даҳсолаҳои охир дар бозори меҳнат ба таври назаррас талабот пайдо кардааст. Аз ин рӯ, хатмкунандагон бо хурсандӣ дар дарсҳои санъати тасвирӣ, кори маҳфилҳо ва корҳои беруназсинфӣ дарсҳои тарроҳӣ меомӯзанд. Онҳо ба чунин машғулиятҳо шавқу ҳавас доранд. "Айни замон, муҳим аст, ки хонандагон ҳамеша омӯзанд ва ба донишандӯзӣ ташнагии доимӣ дошта бошанд» [6, с. 128]. Дар рафти дарсҳо оид ба асосҳои дизайн хонандагон тасаввурот пайдо мекунанд, ки чӣ тавр онҳо метавонанд дониши худро дар синни балоғат, дар мақоми касбӣ ва пешрафти тахассусӣ истифода баранд. Агар шавқу ҳавас ба дарси санъати тасвирӣ бо мурури синну сол хеле кам шавад, пас шавқу ҳавас ба таълими асосҳои тарроҳ, баръакс, меафзояд. Машғулиятҳо оид ба аз худ намудани асосҳои тарроҳ ибтидои худмуайянкунии эҷодӣ ва касбии хонанда буда, дар оянда барои интихоби душвори касб кумак карда метавонанд. Хонандагон дар бораи касби дизайнер, малака ва маҳорат барои дохил шудан ба донишгоҳҳо тасаввурот пайдо мекунанд. «Бинобар ин, зарур аст, ки хонандагони синфҳои болоии имрӯза фаъол, ташаббускор ва мустақил бошанд» [8, с. 152].

Низоми мавҷудаи дарсҳои санъати тасвирӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ на ҳама вақт талаботи хонандаи имрӯзаро ба тахайюли эҷодӣ ва минбаъд худмуайянкунии бошуурона конеъ мегардонад. Барномаҳои санъати тасвирӣ аз ҷиҳати ахлоқӣ кӯҳна шудаанд,

бинобар ин, онҳо бояд ба талаботи муосири ҷомеа ва манфиатҳои хонандагон мутобиқ карда шаванд. Ҳадафи муҳими ҷорӣ намудани дарсҳои санъати тасвирӣ барои азхудкунии асосҳои дизайн ин рушди тафаккури тарроҳӣ мебошад, ки раванди эҷодӣ ба тағйир додани муҳити зист, ҳисси услуб, дарки меъёрҳои мувофиқи шакл, ранг, мавод дар ҳар як объекти муҳит, муносибати зебоишиносӣ ба олами ашё ифода мегардад.

Дар ҷумҳурии мо дар солҳои истиқлол нисбат ба таълими санъати тасвирӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир мешавад. Барои омода намудани муаллимони фанни санъати тасвирӣ (бакалавр, магистр - мутахассис) донишгоҳу донишкадаҳо амал мекунанд. Санъати тасвирӣ ба нақшаи таълимии синфҳои 1-ум то 7-ум ворид карда шудааст, ки дар синфҳои 1-ум то 4-ум (ибтидоӣ) ҳафтае 2 соат ва дар синфҳои 5-ум то 7-ум яксоатӣ таълим дода мешавад [2].

Таълими фанни санъати тасвирӣ ба хонандагон дар асоси панҷ намуд дониши графикӣ ва малака медиҳад, инҳо [4]:

1. Асосҳои санъатшиносӣ;
2. Тасвири расм аз рӯйи асл;
3. Тасвири расм аз рӯйи мавзуъ;
4. Ороишӣ;
5. Гилкорӣ ва тарроҳӣ.

1) Асосҳои санъатшиносӣ. Омӯхтани таҳлили асарҳои санъат дар таълими санъати тасвирӣ яке аз вазифаҳои асосӣ маҳсуб меёбад. Фанни санъати тасвирӣ дидан, дарк ва таҳлили осори ҳунари тасвирро меомӯзад.

2)Дар машғулиятҳои санъати тасвирӣ аз асл ба хонандагон дуруст интихоб намудани ҷой, унсурҳои зарурӣ барои дидани шакл, ҷузъ ва ранги матоъҳо ва роҳҳои ифодаи онҳоро таълим медиҳанд. Тасвир аз рӯйи асл - унсури муҳимтарин дар он ифода меёбад, ки хонанда он чизеро, ки дар ҳақиқат мебинад, ҳамон тавр тасвир мекунад. Дар ин раванд хонанда аслро мебинад, дар майнаи сари худ ҷой мекунад, сипас, дар асоси тасаввуроти худ онро дар қоғаз тасвир мекунад. Хонанда, пеш аз ҳама, ҳамҷоягии шаклҳо, баъдан, ранг ва равшанию сояи онро тасвир мекунад. Машғулияти тасвир аз рӯйи асл барои дигар намудҳои дарси санъати тасвирӣ асосӣ donиста шуда, ба онҳо заминаи илмии амалӣ мебахшад. Ин намуди машғулиятро «алифбои расмкашӣ» ва асоси тасвири воқеӣ меноманд [4, с. 80].

3) Дар расмкашӣ аз рӯйи мавзуъ хонанда ашё, воқеа ва объектҳоро озод, эҷодкорона тасвир мекунад. Дар он бисёр вақт умумият ба даст оварда мешавад. Дар асоси дониш, тасаввур ва фаҳмиши худ ба ашё ва воқеа дигаргунӣ дохил намуда, расмро тасвир мекунад. Ин машғулиятҳо ба хонандагон барои устувор намудан, рушди дониш ва малакаҳои графикӣ, асосҳои назариявӣ ва амалии фаъолияти эҷодию бадеӣ дар тасвири расмро меомӯзонад.

4) Дар машғулиятҳои ороишӣ хонандагон, асосан, зебо расм кашидан, оро додани ҷузъҳо бо унсурҳои ҷузъияти миллӣ, ҳамчунин бо риояи ритм, мувозинат ва бадеият ба тасвири расм шуғл меварзанд.

5) Машғулиятҳои гилкорӣ ва дизайн барои хонандагон бисёр писанд аст. Дар он хонандагон ашё, пайкараҳои одам ва ҳайвонотро ба воситаи гил ва пластилин месозанд. Лекин соатҳои дарсии ин намуди дарс кам буда, хонандагон қаноатманд намегарданд.

Дар асоси ин хулоса баровардан мумкин аст, ки хонандагон омӯхтани мушкилоти дар назди онҳо мавҷуд, малакаи тафаккури эҷодӣ, ҳалли ғайримуқаррариро пайдо карда, тасаввурот, қобилияти амалӣ кардани ғояҳо ва ба нақша гирифтани амалҳои худро тавассути баҳсу мунозира меомӯзанд. «Ин малакаҳо ҳамчун заминае заруранд, ки дар он таълим бо пайдарпайии муайян бунёд карда шавад» [9, с. 4]. Банақшагирии таълим ба рушди бисёрҷониба ва густариши иқтидори эҷодии хонанда мусоидат мекунад. «Ин намуди фаъолият ба хонанда барои тахайюлот ва баёни ғояҳои худ фазо мекушояд, хаёлотро фаъолона инкишоф медиҳад. Шахси дорои тахайюлоти мутараққӣ қодир аст, ки образҳои қаблан омӯхташуда ва ё бо тахайюли худ офаридашуда образҳои нав созанд ва эҷод кунад» [14, с. 284].

Барои ҳалли масъалаҳои дар ин мақола овардашуда, чунин корҳоро бояд анҷом дода шавад:

- як самти нави умумиро (тарҳрезӣ), ки тарзи нави ташаккул ва муттаҳидсозии дарсҳои санъати тасвирӣ ва санъати ороиши амалиро дар бар мегирад, нишон диҳед;

– шинос намудани хонандагон бо таърихи пайдоиш ва рушди тарҳрезӣ дар дохил ва хориҷи кишвар;

– ташаккул додани малакаҳои муайян дар тарҳрезии бадеӣ (таҳияи расмҳои тарроҳӣ, ангораҳо ва ғ.)

- таълими фарқи байни тасвири тарроҳишуда ва тасвири ороишӣ-амалӣ;
- инкишоф додани тафаккури тарроҳӣ.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон ташкили маҳфили «Асосҳои тарҳрезӣ» барои хонандагони синфҳои болоии (8 – 11) имкони хубро фароҳам меорад. Маҳфил барои хонандагоне пешбинӣ мегардад, ки аллакай дар бораи санъати тасвирӣ маълумот доранд ва воситаҳои ифодаи бадеиро аз худ кардаанд. Зарурати таҳияи ин барномаи маҳфил аз он иборат аст, ки аз сабаби дар китобҳои дарсии санъати тасвирӣ на ҳама намудҳои тарҳрезиро дар бар мегирад ва барои 36 соати омӯзиш пешбинӣ шудааст. Ин барои машқҳои амалӣ, усулҳо ва мисолҳое, ки дар таълими санъати тасвирӣ истифода мешаванд, кофӣ нест [5, с. 3].

Муҳимияти ташкили маҳфили пешниҳодшуда бо афзоиши талабот ба дизайн, ҳамчун зуҳури фардият, муносибати эҷодӣ ба ҳалли мушкилот дар ҳама гуна соҳаи ҳаёти муосир вобаста аст [7, с. 16]:

- истеҳсолот;
- маданӣ-маишӣ;
- иҷтимоӣ-психологӣ;
- экологӣ ва ғайра.

Фаъолият дар маҳфил имкон медиҳад, ки донишҳои дар соҳаи тарҳрезӣ, ороиши бадеӣ гирифташуда дар рафти омӯзиши фанҳои таҳсилоти умумӣ муттаҳид карда, онҳо дар шакли эҷодӣ дар натиҷаи (лоиҳа) мушаххас амалӣ карда шаванд. Хусусияти фарққунандаи он маводи назариявӣ мебошад, ки ба таври дастрас пешкаш гардида, аксари намудҳои тарроҳиро фаро мегирад, ба сатҳи миёнаи хонандагон мувофиқат мекунад.

Барномаи пешниҳодшуда мавзӯи тарроҳии табиат ва равиши бисёрсатҳиро ба дигар намудҳои тарҳрезӣ ба таври васеъ ошкор мекунад. Усулҳои таълимро хусусиятҳои синну соли хонандагон ва самти умумии таълимии ин фан муайян мекунанд, ки дар мактаби муосир нақши муҳими ҷаҳонбиниро бозида метавонанд. Афзалияти маҳфили тарроҳӣ омӯзиши ҳатмии мафҳумҳои асосии санъати тасвирӣ ва ороиши бадеӣ мебошад. Раванди кори амалӣ лоиҳаҳоеро бояд дарбар гирад, ки дар ҳаёт истифода бурдан ба мақсад мувофиқ бошад. Барномаи маҳфили мазкур мувофиқи талаботи муосири хонандагон тарҳрезӣ шуда, дар он принсипҳои стандартҳои давлатӣ, ки ба талаботи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд, дар назар дошта шавад.

Дар раванди омӯзиш мантиқи ташаккул ва инкишофи намудҳои тарроҳӣ ошкор мегардад. Асосҳое, ки тарҳро ташкилдиҳанда бояд ба роҳат, зебо ва функсионалӣ бошанд. Омӯзиши ҳар як намуди тарҳрезӣ бо фаъолиятҳои амалӣ тақвият дода мешавад, ки муносибати эҷодкоронаро дар назар дорад. Шиносоӣ бо санъати тарҳрезӣ тавассути омӯзиши хусусиятҳо ва хислатҳои бадеии навъҳои алоҳидаи он сурат мегирад. Ба намудҳои тарҳрезӣ графикӣ, тарроҳии экологӣ, фитодизайн, тарроҳӣ муд, тарроҳии саноатӣ, тарроҳии муҳити зист, АРТ-дизайн ва ғайра дохил мешавад. Ҳар як намуди тарҳрезӣ самтҳои гуногун дорад, ки хонандагон имкони шиносоӣ доранд. Масалан, тарроҳии муҳити зист се соҳаро дар бар мегирад: тарроҳии берунӣ (экстрйер), дохилӣ (интерйер) ва ландшафт. Пас аз анҷоми маҳфил хонандагон бояд донанд:

- таърихи пайдоиш, имкониятҳо ва навъҳои муосири тарҳрезӣ;
- принсипҳои шаклсозӣ, таркиб, рангшиносӣ;
- марҳилаҳои асосӣ, алгоритми тарҳрезии тарроҳӣ.

Дар охири омӯзиш хонандагон бояд қодир бошанд:

- корҳои лоиҳакаширо бо назардошти талаботи тарҳрезӣ ба ҷо оваранд;
- таҳлил ва муқоисаи намудҳои тарҳрезӣ;
- моделсозӣ ва конструксиясозӣ;
- эскизҳо, нақшаҳо, амсилаҳо тартиб диҳанд.

Олими машҳури рус Я.А. Пономарев чунин мешуморад: “Тафаккури тарроҳӣ тавассути фаъолияти махсуси мақсадноки хонандагон таҳти роҳбарии муаллим ташаккул меёбад. Муаллим вазифа мегузорад, нақл мекунад, ки чӣ гуна роҳу усулҳоро барои иҷрои вазифаҳо барои эҷоди объектҳои тарҳрезӣ ва муҳити мувофиқ, самаранок истифода бурдан мумкин аст” [11, с. 62].

Дар дарси санъати тасвирӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба омухтани қоидаҳо, усулҳо ва воситаҳои композитсия, асосҳои рангшиносӣ, наққошӣ, расмкашӣ диққати калон дода мешавад. Аммо, ба омухтани асосҳои шаклсозӣ, услуб ва тафовути объектҳои дизайн чандон аҳамият дода намешавад. «Маҳорати касбии тарроҳӣ барои конструктор асоси амалишавии

нерӯи эҷодист» [13, с. 363]. Бо роҳи таҳлили муқоисавии доимӣ равшан кардани фарқиятҳо ва шабоҳатҳои асосии байни объектҳои тарроҳӣ ва санъати ороиши амалӣ хеле муҳим аст.

Омӯзиши асосҳои тарҳрезӣ як ҷузъи инкишофи мунтазами шахсияти эҷодкор, ҳамаҷониба ва фаъол мебошад. «Ин ҷузъҳои ташаккули шахсият барои рушди бадеӣ ва эҷодии хонандагон хеле муҳиманд» [10, с. 215].

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки муносибати пешниҳодшуда ба омӯзиши тарҳрезӣ дар ҳошияи таълими фанни санъати тасвирӣ ва ташкили маҳфили он имкон медиҳад, ки хонандагон ба талаботи замони муосир мувофиқ омода шуда, ҳисси эҷодкорӣ, қобилияти ҳалли ғайримуқаррарии масъалаҳои тарҳрезӣ ва баҳодиҳӣ ба ҳамоҳангии муҳити атроф ба дараҷаи баланд ташаккул ёбад.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Азизов, Ш. Ю. Компетентностное отношение к обучению предмета "изобразительное искусство" / Ш. Ю. Азизов, А. А. Азизов, Ш. Х. Бобоева // Вестник Таджикского национального университета. – 2019. – № 3. – С. 284-288. – EDN ZATJWK.
2. Барномаи таълимӣ аз фанни санъати тасвирӣ. Душанбе: Матбуот, 2002.
3. Бойназаров Б. И. Санъати тасвирӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 5 - 6. – Душанбе: 2003. – 136 саҳ.
4. Исломов О.А.Методикаи таълими санъати тасвирӣ (дар низоми муносибати салоҳиятнокӣ). Китоби дарсӣ. / О.А,Исломов, Ш.Ю.Азизов, Ш.Ҳ.Бобоева. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2018. - 400 с.
5. Кузин В.С. Программа “Основы дизайна” – Москва. Дрофа. 2002. – 44 с.
6. Кучеволов А.А., Куцевалова Т.Е. Эффективность урока – стимул к успеху преподавателя и обучающегося / Образовательный потенциал Сборник материалов Международной научно-практической конференции. 2019. – 231 с.
7. Малиновская Л.П. Вопросы формирования дизайнерского мышления на уроках изобразительного искусства в начальных классах. – Москва. 1994. – 24 с.
8. Парунова А.А., Серова А.Д. Роль организации проектной деятельности формировании позитивных представлений школьников о перспективах жизни Амурской области /Педагогика, психология, общество: теория и практика: материалы Всероссийской науч.-практ. конф.) Чебоксары, 3 дек. 2019 г.) – Чебоксары: ИД «Среда», 2019. – 340 с.
9. Полынская И.Н. Методы исправления ошибок в рисунках учеников /Методические рекомендации по дисциплине «Методика обучения и воспитания (изобразительному и декоративно-прикладному искусству)» / Нижневартовск, 2019. – 116 с.
10. Полынская И.Н. Формирование пластических представлений художественного образа на занятиях по прикладной композиции посредством бумагопластики в школе искусств /Современные наукоемкие технологии. 2018. № 5. С. 215-219.
11. Пономарев, Я.А. Психология творчества и педагогика. – Москва. Педагогика,1976. – 80 с.
12. Профориентация учеников на уроках изобразительного иссскуства / О. А. Исломов, З. З. Мирзабоев, Ш. Ю. Азизов, Л. Х. Неъматов // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2018. – № 1-3(55). – С. 177-181. – EDN YNVFXV.
13. Савинов, А.М., Полынская И.Н. Освоение методических принципов работы над академическим рисунком при обучении студентов-дизайнеров /Перспективы науки и образования. 2019. № 2 (38). С. 361-384.
14. Салихова, В.Ф., Полынская И.Н. Рисование с натуры на уроках изобразительного искусства в школе как один из основных инструментов влияния на общее развитие ребенка / В сборнике: XX Всероссийская студенческая научно-практическая конференция Нижневартовского государственного университета Сборник статей. Ответственный редактор А.В. Коричко. 2018. С. 282-285.
15. Стратегияи миллии рушди маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030. Душанбе, 2020. – 96 с.
16. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар бораи “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон намудани солҳои 2019-2021. ш. Душанбе 2 январи соли 2019 №1170 [манбаи электронӣ]. URL: http://www.prezident.tj (санаи истифодабарӣ: 6.01.2021).

**REFERENCES:**


1. Azizov, Sh. Yu. Competence-based attitude to teaching the subject "fine arts" / Sh. Yu. Azizov, A. A. Azizov, Sh. Kh. Boboeva // Bulletin of the Tajik National University. - 2019.-No.3.-284-288 p. – EDN ZATJWK.
2. Educational program in the subject of fine arts. Dushanbe: Press, 2002.
3. Boynazarov B. Ya. Visual arts. Textbook for grades 5-6 - Dushanbe: 2003. - 136 p.
4. Islamov O.A., Azizov Sh.Yu., Babaeva Sh.Kh. Methodology of art education (in the system of competency-based approach). Textbook. / O. A. Islamov, Sh. Yu. Azizov, Sh. Kh. Boboeva. - Khujand: Nuri marifat, 2018. - 400 p.
5. Kuzin V.S. Program "Fundamentals of Design" - Moscow. Bustard. 2002/ - 44 p.
6. Kuchevolov A.A., Kutsevalova T.E. The effectiveness of the lesson is an incentive for the success of the teacher and the student /Educational potentialCollection of materials of the International scientific-practical conference. 2019. - 231 p.
7. Malinovskaya L.P. Issues of the formation of design thinking in the lessons of fine arts in elementary grades. - Moscow. 1994. 24 p.
8. Parunova A.A., Serova A.D. The role of the organization of project activities in the formation of positive ideas of schoolchildren about the prospects for life in the Amur Region / Pedagogy, psychology, society: theory and practice: materials of the All-Russian scientific-practical. conf.) Cheboksary, 3 Dec. 2019) - Cheboksary: Publishing House "Sreda", 2019. - 340 p.
9. Polynskaya I.N. Methods for correcting errors in students' drawings/ Methodological recommendations for the discipline "Methods of education and upbringing (fine and arts and crafts)" / Nizhnevartovsk, 2019. 116 p.
10. Polynskaya I.N. Formation of plastic representations artistic image in the classroom for applied composition through paper plastics at the school of arts/Modern science-intensive technologies.2018.No. 5. 215-219 p.
11. Ponomarev Ya.A. Psychology of creativity and pedagogy. - Moscow. Pedagogy, 1976. – 80 p.
12. Islomov O.A., Mirzaboev Z.Z., Azizov Sh.Yu., Nematov L.Kh. Career Guidance of Students at the Lessons of Fine Arts // Bulletin of the Bokhtar State University named after Nosir Khusrav. Humanities and Economics Series. - 2018. - No. 1-3 (55). - 177-181 p. – EDN YNVFXV.
13. Savinov A.M., Polynskaya I.N.Mastering methodological principles work on academic drawing while teaching design students/Prospects for science and education.2019.No. 2 (38). 361-384 p.
14. Salikhova V.F., Polynskaya I.N.Drawing from nature in the classroom fine arts at school as one of the main tools impact on the overall development of the child/ In the collection:XX All-Russian student scientific and practical conference of Nizhnevartovsk state universityDigest of articles. Managing editor A.V. Korichko. 2018. 282-285 p.
15. National Strategy for the Development of Education and Science of the Republic of Tajikistan until 2030. Dushanbe, 2020. - 96 p.
16. Decree of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon on the announcement of the "Years of Rural Development, Tourism and Folk Crafts" for 2019-2021. sh. Monday, January 2, 2019[Electronic resource]. URL: http://www.prezident.tj (date of use: 06/01/2021).